Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002-и
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

# ТАҚРИЗ

ба афтореферати диссертатсияи Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич дар мавзӯи “Танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

**Мубраммияти мавзӯи тадқиқот.** Соҳибкории хурд як унсури калидии иқтисоди бозории муосир буда, ба ташаккули механизми танзимшавандаи бозор нигаронида шуда, нигоҳ доштани муҳити солими рақобат, заминаҳои рушди босуръат ва ба устувории иқтисодӣ мусоидат мекунад. Аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодии тиҷорати хурдро таҷрибаи кишварҳои мутараққӣ: ИМА, Британиёи Кабир, Олмон, Фаронса ва ғайра ба таври эътимодбахш тасдиқ мекунанд, ки дар иқтисоди онҳо аз рӯи як қатор нишондиҳандаҳо мавқеи назаррас ва баъзан пешсаф низ дорад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти соҳибкории хурд ҳанӯз пурра ошкор нашудааст – рушди он аз набудани муҳити муносиби ҳуқуқие, ки кафолати ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорони хурдро таъмин мекунад, танқисӣ мекашад.

Дар афтореферати диссертатсия мақсади он ба таври возеҳ баён гардидаст. Вазифаҳои дар назди тадқиқоти мазкур гузошташуда аз ҷумла: муайян намудани мафҳум ва аломатҳои субъектҳои соҳибкории хурд; таҳқиқи моҳият ва мафҳуми ҳунармандӣ ҳамчун навъи соҳибкории хурд; таҳқиқи ташаккул ва рушди қонунгузории ҶТ дар соҳаи соҳибкории хурд; баррасии ҳолати ҳуқуқии соҳибкорони инфиродӣ ва ташкилотҳои тиҷоратӣ ҳамчун субъекти соҳибкории хурд; муайян намудани бақайдгирии давлатии

субъектҳои соҳибкории хурд; омӯзиши асосҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд, ҳавасмандгардонӣ ва маҳдудиятҳои фаъолияти онҳо, инчунин, шаклҳои ҳуқуқии дастгирии давлатии субъектҳои соҳибкории хурд; таҳияи пешниҳодҳо барои такмили қонунгузории ҶТ ба таври нисбатан комил иҷро гардидаанд (саҳ. 6).

Хулосаҳои баровардаи муаллиф доир ба танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили таваҷҷуҳ ва дастгирӣ мебошанд. Пешниҳоду хулосаҳои ба ҳимоя пешкашшаванда, хусусан пешниҳоду хулосаҳои № 1 ва 2 қобили дастгирӣ мебошанд.

Шарифов И.М. доир ба мавзӯи илмии анҷомшуда 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ба табъ расонидааст. Хулоса ва натиҷаи кори илмии муаллиф дар нашрияҳо чоп шудаанд ва доимо дар раванди таълим ҳангоми гузаронидани лексияҳо ва машғулиятҳои амалӣ бо донишҷӯён истифода мешаванд (саҳ. 11).

Дар тадқиқоти мазкур ба назари мо чунин хулоса ва пешниҳодҳои дар афтореферат баёнгардида баҳснок менамояд, ки нисбати он таваҷҷуҳ намудани муаллиф муҳим мебошад:

1. Банди сеюми нуқтаҳои барои ҳимояи пешниҳоднамудаи муаллиф доир ба фаъолияти ҳунармандӣ ба мо нофаҳмо буда, аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимоя вобаста ба ин масъала равшанӣ андозад.

2. Вобаста ба зербанди 4 банди 7 нуқтаҳои барои ҳимояи пешниҳоднамудаи муаллиф савол ба вуҷуд меояд, ки то кадом дараҷа ҷамъиятиҳои дорои масъулияташ маҳдуд предмети тадқиқоти диссертатсияи мазкур мебошад.

Бо вуҷуди эродҳои болозикр, дар маҷмӯъ мазмуни афтореферат аз он шаҳодат медиҳад, ки тадқиқоти диссертатсионии Шарифов И.М, кори илмии мустақилона, баанҷомрасида ва аз лиҳози назариявӣ асоснокшуда мебошад. Таклифу пешниҳодҳо, инчунин хулосаҳои баёнгардида арзиши муҳимми

илмию амалӣ доранд. Дар маҷмӯъ, афтореферати мазкур ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати ҶТ аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ гардидааст ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (Phd), доктор аз рӯи ихтисос, номзади илм ва доктори илм, афтореферетҳо ва мақолаҳои илмии чопшуда доир ба мавзӯи диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 июни соли 2017, №3/1 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Шарифов Исмоил Муҳибуллоевич сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.03. – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳо ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

**Муаллими калони кафедраи**
**ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Сидиқов Д.А.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон,**
**734025, ш. Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30**
**Тел.: (+992 918) 97 19 91**
**e-mail: sidiqov.dilshod@mail.ru**

*Имзои муаллими калони кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон, н.и.ҳ. Сидиқов Д.А.-ро тасдиқ мекунам*

**Сардори шуъбаи кадрҳои**
**Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон** **Давлатов Х.Х.**

ОТДЕЛ КАДРОВ